“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
_________ Гулназарзода Ҷило Бурӣ
“_30_” ___03___ соли 2025

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда:** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои / шароитҳои / рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ, фардикунонӣ ва тафриқаи таълим, намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо, технологияҳои таълим, консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он:** Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Боев Шаҳобиддин бо он муайян карда мешавад, ки кори илмии ӯ бевосита аз ҷамъоварию коркарди маводи воқеӣ ва маълумоти оморӣ ибтидоӣ, таҳлил ва

ҷамъбасти натиҷаҳо, таҳияи муносибатҳои методологӣ, санҷиши натиҷаҳо, таҳия ва ироаи хулосаву пешниҳод ва тавсияҳо иборат мебошад.

Дар ҷаҳони муосир, ки бо дигаргуниҳои босуръат ва ҷараёни иттилооти беохир тавсиф мешавад, масъалаи таълиму тарбияи насли наврас аҳаммияти хоса касб мекунад. Таълим бояд на танҳо ба азхудкунии донишҳои тайёр равона гардад, балки ба инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ, ташаккули шахсияти комил ва омодагии хонандагон ба ҳаёти мустақилона низ нигаронида шавад. Дар ин раванд, фанҳои санъат, аз ҷумла мусиқӣ, нақши муҳим мебозанд, зеро онҳо имконият медиҳанд, ки эҳсосот ва ҳиссиёти хонандагон инкишоф ёбад, завқи эстетикии онҳо ташаккул ёбад ва малакаҳои иҷтимоии онҳо такмил ёбанд.

Дар байни усулҳои гуногуни таълими мусиқӣ, бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд. Ин бозиҳо, ки дар шакли фароғатӣ ташкил карда мешаванд, ба хонандагон имкон медиҳанд, ки ба таври осон ва шавқовар донишҳои мусиқиро азхуд намоянд, ҳисси ритм ва шунавоии худро инкишоф диҳанд ва қобилияти эҷодии худро тақвият бахшанд. Илова бар ин, бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба ташаккули салоҳиятҳои гуногуни хонандагон, аз ҷумла салоҳиятҳои иҷтимоӣ, коммуникативӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаи нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар он аст, ки ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ нигаронида шуда, онро ба таври самаранок таъмин менамоянд.

Ҳамчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян мешавад. Маводи назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсиониро дар таҳияи барномаҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода бурдан мумкин аст.

Инчунин, аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот боз дар он аст, ки таҳлили назариявӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқотро, ки аз тариқи озмоиш татбиқу тасвиб ва самаранокии онҳо собит шудаанд, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонанд ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва баланд бардоштани сифат ва самаранокии чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ истифода баранд.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, пешниҳод менамояд, ки салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ самарабахш ташаккул меёбад, агар:

- нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар таҳқиқоти психологию педагогӣ таҳлилу баррасӣ шуда, мавриди истифодаи амалӣ қарор дода шавад;

- ба моҳият ва сохтори бозии мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ равшанӣ андохта шавад;

- шароити педагогии истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шавад;

- самаранокии истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври коркард ва ба таври озмоишӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад;

- бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни таълим бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тарҳрезӣ гардида, ба ҷараёни таълим маҷмуи бозиҳои гуногуни дидактикӣ барои ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ворид карда шавад.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии бадастовардаи унвонҷӯй Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич аз он далолат мекунанд, ки фарзияҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Дар боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявӣ–методологии

бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ» муаллиф қайд мекунад, ки мусиқӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини таълиму тарбияи эстетикии хонандагон ба ҳисоб меравад. Он ба инкишофи эҳсосот, ҳиссиёт, завқи эстетикӣ ва қобилияти эҷодии онҳо мусоидат мекунад. Илова бар ин, мусиқӣ ба ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ, аз қабили ҳамкорӣ, масъулиятнокӣ ва эҳтиром нисбат ба ақидаҳои дигарон мусоидат мекунад. Дар раванди таълими мусиқӣ, хонандагон донишҳои гуногуни мусиқиро аз худ мекунанд, аз қабили жанрҳо, шаклҳо, унсурҳои ифодакунанда ва ғайра. Онҳо инчунин малакаҳои гуногуни мусиқиро инкишоф медиҳанд, аз қабили сурудхонӣ, навохтани асбобҳои мусиқӣ, эҷоди мусиқӣ ва таҳлили мусиқӣ.

Боби дуюми диссертатсия “Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” - зимни озмоиши педагогӣ, ки дар се марҳила: муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ сурат гирифта, дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тибқи бозиҳои мусиқӣ-дидактикии дар хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ муайян карда шудааст.

Унвонҷӯ Боев Шаҳобиддин дар ин боб оид ба корҳои озмоишии анҷомдодааш қайд мекунад, ки бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар раванди таълими мусиқӣ нақши муҳим доранд, зеро онҳо ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳанд, ки салоҳиятҳои гуногунро дар шакли шавқовар ва ҷолиб аз худ намоянд. Ин гуна бозиҳо барои дарки амиқи унсурҳои асосии мусиқӣ, аз қабили ритм, оҳанг, тембр ва динамика мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба рушди қобилияти шунавоӣ, тафаккури эҷодӣ ва ҳамоҳангии ҳаракатҳои бадан ёрӣ мерасонанд.

Дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ, истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба ташаккули салоҳиятҳои зерин мусоидат мекунад: салоҳияти маърифатӣ (донистани нотаҳо, созҳои мусиқӣ, жанрҳои мусиқӣ), салоҳияти коммуникативӣ (ифодаи эҳсосот ва андешаҳо тавассути мусиқӣ, ҳамкорӣ дар гурӯҳ), салоҳияти иҷтимоӣ (эҳтиром ба ақидаҳои дигарон, қабул ва дарки фарҳангҳои гуногуни мусиқӣ) ва

салоҳияти шахсӣ (рушди худбаҳодиҳии мусбат, қадршиносӣ ба ҳунари мусиқӣ).

Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ метавонанд дар шаклҳои гуногун, аз қабили бозиҳои ритмӣ, бозиҳои оҳангӣ, бозиҳои тембрӣ ва бозиҳои динамикӣ пешниҳод карда шаванд. Масалан, дар бозиҳои ритмӣ, хонандагон метавонанд ритмҳои гуногунро бо дастҳо, пойҳо ё созҳои мусиқии хурд навозанд. Дар бозиҳои оҳангӣ, онҳо метавонанд оҳангҳоро шинохта, тақлид кунанд ё оҳангҳои худро эҷод намоянд. Бозиҳои тембрӣ ба шинохтани тембри созҳои гуногуни мусиқӣ ва бозиҳои динамикӣ ба фарқ кардани сатҳи баландии садоҳо ёрӣ мерасонанд.

Довталаби кори илмӣ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич корҳои таҷрибавию озмоишии худро дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №34, 44, 10, 7-и шаҳри Душанбе ва №116-и шаҳри Ҳисор гузаронида, дар таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, аз он ҷумла дар суҳбату мусоҳиба ва пурсишномаҳое, ки мавсуф анҷом додааст, беш аз 300 нафар хонандагон ва 10 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мавриди озмоиш қарор гирифта иштирок намуданд. Дар таҳқиқот ду гурӯҳ (назоратӣ ва озмоишӣ)-и хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мазкур ҷалб карда шуданд.

Дар рафти корҳои озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти озмоишӣ ҳалли худро ёфта, бо истифода аз усулҳои эмпирикии мухталиф натиҷагирӣ ва ҷамъбаст карда шудаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст:** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи кори таҳқиқотӣ корҳои зеринро анҷом додааст:

- мазмун ва моҳияти мафҳуми «нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ» баррасӣ ва шарҳу тафсир шудааст;

- хусусиятҳои ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар дарсҳои суруд ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ошкор ва муайян карда шудааст;

- нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст;

- намунаҳои мухталифи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ омода ва пешниҳод карда шудаанд, ки истифодаи онҳо дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ рушди салоҳиятҳои асосӣ ва мусиқии хонандагонро самаранок хоҳад кард;

- ба манзури ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон оид ба роҳу восита ва технологияҳои истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, ки самаранокии истифодаи онҳо тариқи озмоиш собит гардидааст, тавсияҳои методӣ коркард ва ироа шудаанд.

Инчунин, арзиши назариявии таҳқиқот аз асосноккунии равишҳои илмии таҳқиқи масоили истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол иборат буда, натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки талаботи муносибати босалоҳият ба таълими фанни суруд ва мусиқӣ ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шуда, амалӣ карда шаванд. Муносибат ва равишҳои педагогӣ асоснок истифода карда шуданд, ки онҳо бо мақсади рушди маҳорату малакаҳои мусиқии бачагони хурдсол таҳия шуда, ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва аз ҳама муҳим, ба рушди салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ нигаронида шудаанд.

Истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқот ба такмили раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ дар самти ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мусоидат менамоянд. Таҳия ва татбиқи воситаву усулҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст, иқдоми муҳим дар ҳалли масъалаи татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълими насли наврас ва ба зиндагии шоистаи оянда омода сохтани онҳо маҳсуб меёбад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқотро инчунин, тавсияҳои илмӣ-методии таҳия ва манзуршуда, ки ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон

дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ нигаронида шудааст, ба таври самаранок таъмин менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи мунтазами бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки муҳити фаъол ва динамикии таълимӣ эҷод карда, шавқу ҳаваси онҳоро ба мусиқӣ зиёд намояд. Инчунин, онҳо метавонанд салоҳиятҳои заруриро барои иштироки фаъолона дар ҳаёти фарҳангӣ ва эҷодии мактаб ва ҷомеа аз худ намоянд. Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ на танҳо воситаи омӯзиши мусиқӣ, балки усули муҳими рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон мебошанд.

Хулоса ва натиҷаҳои бадастомадаро омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ метавонанд ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва баланд бардоштани сифат ва самаранокии чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ истифода баранд.

Маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот метавонад ҳангоми маърузаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои мактаббачагон, омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди истифода қарор дода шавад.

Аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич аз он шаҳодат медиҳад, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ яке аз воситаҳои таълимии муҳим дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ;

- шароити педагогии ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол тавассути бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз он ҷумла, дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ;

- аҳаммияти истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол;

- истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ  ба ҷараёни таълими фанни суруд ва мусиқӣ ворид

намудани маҷмуи бозиҳои гуногуни дидактикӣ ба манзури ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи довталаби кори илмӣ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич бо заминаи назариявию методологӣ, ки осори илмию педагогӣ ва психологиро дар бар мегирад; истифодаи маҷмуи методҳои якдигарро пурракунандаи раванди таълим, ки ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд; истифодаи васеи сарчашмаҳо ва маводи гуногуни илмию оморӣ, таълимию методӣ ва маводе, ки якдигарро мукаммал ё дақиқ месозанд, ҳамчунин, тавассути татбиқи муносибати шахсиятӣ, иҷтимоӣ ва фаъолиятӣ ба таҳқиқи раванди педагогӣ, истифодаи методҳои гуногуни эмпирикӣ ва назариявии таҳқиқот, таҳлили ҳамаҷониба ва зина ба зина, натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардашуда ва тасвибу тасдиқи онҳо дар ҷараёни таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин гардидааст.

Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии педагогон, психологон ва дигар мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ ва ватанӣ омӯхта шудаанд, ки дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо заминаи назариявию методологӣ, ки осори илмию педагогӣ ва психологиро дар бар мегирад; истифодаи маҷмуи методҳои якдигарро пурракунандаи раванди таълим, ки ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд; истифодаи васеи сарчашмаҳо ва маводи гуногуни илмию оморӣ, таълимию методӣ ва маводе, ки якдигарро мукаммал ё дақиқ месозанд, ҳамчунин, тавассути татбиқи муносибати шахсиятӣ, иҷтимоӣ ва фаъолиятӣ ба таҳқиқи раванди педагогӣ, истифодаи методҳои гуногуни эмпирикӣ ва назариявии таҳқиқот, таҳлили ҳамаҷониба ва зина ба зина, натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардашуда ва тасвибу тасдиқи онҳо дар ҷараёни таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин гардидааст.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ асоснок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд. Инчунин, он бисёрҷанба ва тулонӣ ба иҷро расида, дар ҷараёни он мутобиқати пурраи асосҳои назариявӣ, ки аз таҳлили андешаҳои педагогии олимон, омӯзгорон ва равоншиносон ба даст

омадаанд, бо методҳои муносиби омӯзиши ин мавзуъ собит гардидааст ва ин имкон медиҳад ба хулосае оем, ки хулосаҳо ва муқаррароти ниҳоии таҳқиқот боэътимод ва асоснок мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ҷаласаҳои кафедраи “Назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дар иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар пойгоҳи онҳо гузаронида шуданд, муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шудаанд.

Ҳамчунин, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути ироаи маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ, конференсия ва мизҳои мудаввар тасвиби худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 17 номгӯй интишороти илмии муаллиф, аз он ҷумла 3 мақолаи илмии дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода мекунанд. Аз ин лиҳоз, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич аз нигоҳи илмӣ асосноккардашуда, боэътимод ва боварибахшанд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст, андешаву назари илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами хусусиятҳои педагогию психологидоштаи нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ равона карда шудаанд. Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтааст, ки дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо ба роҳ мондани мақсадҳои тарбиявӣ дараҷаи фаъолияти бозии мусиқӣ-дидактикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври намоён баланд гардидааст. Инро мавҷудияти

робитаи мантиқии байни мазмуни асарҳои мусиқӣ ва воситаҳои ифодакунандаи мусиқӣ (тобишнокӣ, шиддатнокӣ тембр, регистр), қобилияти муайян кардан ва асоснок кардани лаззатбарӣ, эҳсосот, қобилияти истифода бурдани забони образноки мусиқӣ собит намудааст. Натиҷаҳое, ки пас аз марҳилаи ташаккулдиҳанда ва назоратии озмоиш ба даст оварда шуданд, нишон медиҳанд, ки сатҳи салоҳиятҳои муоширатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, махсусан хонандагоне, ки дар марҳилаи ибтидоии ташхис натиҷаҳои хеле паст нишон дода буданд, нисбатан хеле баланд шуда, ташаккул ёфтаанд. Натиҷаҳои рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон, ки дар ҷараёни таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ба даст оварда шудааст, самаранокии методика ва барномаи коркардкардаи довталаби кори илмиро дар самти ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ва иртиботӣ собит сохтааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ Боев Шаҳобиддин ба дараҷаи илмӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, ки аҳаммияти мусиқӣ дар рушди кӯдакон ва зарурати истифодаи усулҳои фаъол ва шавқовар дар таълим, махсусан дар синфҳои ибтидоӣ, аҳаммияти калон дорад, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба манфиати кор хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Бисёр хуб мешуд, ки аз таҷрибаи касбии худи муаллиф ҳамчун омӯзгори фанни суруду мусиқӣ, ки собиқаи зиёди корӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ дорад, якчанд намунае дар матни диссертатсия пешниҳод ва мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешуд;

2. Аз ҷониби муаллиф бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Вале агар пешниҳод мекард, ки чӣ гуна ин бозиҳоро ба дарсҳои суруд ва мусиқӣ ҳамгиро кардан мумкин аст, боз ҳам арзиши кори илмӣ баланд мешуд;

3. Беҳтар мешуд, агар дар тавсияҳои методии дар охири диссертатсия овардашуда муаллиф роҷеъ ба роҳу усулҳои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амалияи таълим пешниҳодҳо ироа мекард ва

дар зимн шарҳ медод, ки чӣ гуна онҳо ба омӯзгорон барои самаранокии дарсҳои муосири суруду мусиқӣ кӯмак мекунанд;

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмӣ:** Диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи "Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, мушовири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шоҳиён Нуралӣ Набот мураттаб гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 12 нафар устодону омӯзгорон

иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 12 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарор дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 19.03.2025, №03).

**Раиси ҷаласа**, мушовири кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода,
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор / Шоҳиён Нуралӣ Набот

**Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ**,
номзади илмҳои география,
мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода / Қодиров Шарифалӣ Саидкулович

**Котиби** илмии ҷаласа / Нураҳмадзода Дилафрӯз

19.03.2025

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳамадиев 17/6; Тел: +992 (37) 2 32 50 00, 2 32 87 30, 2 32 50 05; E-mail: ddzt.tj

Имзои Шоҳиён Н.Н., Қодиров Ш.С. ва Нураҳмадзода Дилафрӯзро
тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода / Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна